*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 17 (4757) | ДУШАНБЕ, 5 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО ЖЭЭНБЕК КУЛУБАЕВ



**Панҷуми феврали соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Қирғизистон Жээнбек Кулубаев, ки бо сафари расмӣ ба кишвари мо ташриф овардааст, мулоқот намуданд.**

Зимни суҳбат маҷмӯи масъалаҳои муносибатҳои Тоҷикистону Қирғизистон ва дурнамои рушди он мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар ин замина Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла, аҳамияти рушди фаъолтари муколамаи сиёсӣ ва таҳкими фазои эътимод дар муносибатҳои ҳар ду кишварро, ки ба арзишҳои чандинасраи дӯстӣ ва анъанаҳои ҳусни ҳамҷаворӣ асос ёфтаанд, таъкид карданд.

Масъалаҳои татбиқи тавофуқоти сарони ҳар ду кишвар доир ба пешбурди музокироти дуҷониба оид ба муайян намудани хати сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Қирғизистон ва натиҷаҳои вақтҳои охир дар ин самт бадастомада дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирифт.

Таъкид гардид, ки тайи чор моҳи гузашта ҷонибҳо навиштаҷоти лоиҳавӣ ва кории тақрибан 196 километри хати сарҳади давлатиро ба мувофиқа расонда, ба ҳолати имрӯза, дар маҷмӯъ, қариб 90 дарсади гузариши он анҷом ёфт.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳамияти дар ин маҷро идома додани корҳо оид ба ҳалли ҳамаҷонибаи масоили марбут ба сарҳадро таъкид намуданд. Ҳамчунин, масъалаҳои истифодаи муштараки захираҳои обии дарёҳои фаромарзӣ, тавсеаи равобити тиҷоратию иқтисодӣ, парлумонӣ ва дигар самтҳои ҳамкории байни ҳар ду кишвар баррасӣ шуданд.

Зимни мулоқот ба мавзуъҳои алоҳидаи дорои хусусияти минтақавӣ ва байналмилалӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд.

**www.prezident.tj**

## ТАЪЙИНОТИ КАДРӢ

**Дуюми феврали соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кадрҳоеро, ки дар сохторҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаҳои масъулу роҳбарӣ таъйин гардиданд, барои суҳбат ба ҳузур пазируфтанд.**

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Мубораклшозода Ғайратшо муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, сардорони 25 раёсату шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ аз ҳисоби кадрҳои ҷавону ботаҷриба, масъулиятшинос ва дорои касбияти баланд таъйин гардиданд.

Сардори раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва сардорони шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияҳои Рӯшону Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, сардори раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар минтақаи Кӯлоб, сардорони шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳрҳои Бохтару Кӯлоб, ноҳияҳои Кӯшониён, Дӯстӣ, Носири Хусрав ва Ёвони вилояти Хатлон, сардорони раёсатҳои кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсӣ, таъминоти моддӣ-техникӣ, разведка, тиббӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, таҳқиқ, раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккилона, шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар фурудгоҳи шаҳри Душанбе ва нақлиёти вилояти Суғд ва ноҳияи Шаҳристон аз ҳисоби кадрҳои дорои маҳорати баланди касбӣ ва болаёқату кордон таъйин гардиданд.

Бо натиҷагирӣ аз ҷаласаи Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки вазифаи ҳар як корманди Вазорати корҳои дохилӣ, пеш аз ҳама, таъмини волоияти қонун, сулҳу суботи комил, амнияти давлат, тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирии ҳама гуна қонунвайронкунӣ, мубориза бар зидди қочоқ ва муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, хариду фурӯши ғайриқонунии замин, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро, ошкор ва пешгирӣ кардани ҳама гуна омилҳои халалдоркунандаи оромию субот дар кишвар ва донистани ду забони хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

Зимни суҳбат Пешвои миллат иброз доштанд, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд пайваста бо мардум ҳамкорӣ намуда, баҳри рафъи мушкилоту қонунвайронкуниҳои самтҳои зикршуда мубориза баранд, арзу шикояти мардумро баррасӣ намоянд, барои сари вақт ошкор кардани ҷиноят ва пешгирии он тамоми шароиту имконияти мавҷуда ва донишу маҳорати касбии худро истифода бурда, волоияти қонунро таъмин намоянд.

«Содиқона ва поквиҷдонона ба халқу Ватани худ хизмат намоед!», - таъкид намуданд Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар интиҳои суҳбат.

**www.prezident.tj**

## ДАР ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Панҷуми феврали соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мансурӣ Д. С.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Мансурӣ Д. С.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани Мансурӣ Д. С.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Муинӣ М. М.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба ҳайати Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Муинӣ М. М.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонзода М. Р.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия баровардани Қурбонзода М. Р.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия озод намудани Қурбонзода М. Р.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани Қурбонзода М. Р.» мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардид.

Масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Шоҳигарии Арабистони Саудӣ оид ба ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда шуд.

Шурои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

## ВОХӮРИИ ВАКИЛОН БО ИНТИХОБКУНАНДАГОН



**31-уми январ дар деҳоти «Даҳана»-и шаҳри Кӯлоб вохӯрии вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарифҷон Ҳакимзода ва Хайрулло Амонулло бо интихобкунандагон баргузор гардид.**

Дар вохӯрӣ Шарифҷон Ҳакимзода Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро шарҳу тавзеҳ дода, сокинонро ба ободкорию созандагӣ даъват намуд.

Вакил, ҳамчунин, зимни суҳбат аз падару модарон даъват ба амал овард, ки ҷавононро дар рӯҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ тарбия намоянд. Вобаста ба ҷалби ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ва шароити хуби қисмҳои ҳарбӣ ёдовар шуда, аз волидайн даъват намуданд, ки фарзандон қарзи худро дар назди Ватан - Модар иҷро намоянд.

Дар идомаи мулоқот Хайрулло Амонулло вобаста ба сарфакорона истифода кардани неруи барқ, самаранок истифода бурдани заминҳои наздиҳавлигӣ ибрози андеша намуда, аз онҳо гирифтани ду-се ҳосил ва захираи дусолаи маҳсулоти хӯроквориро мувофиқи шароиту имконот зарур шумурданд.

**Ҳамчунин, худи ҳамон рӯз вакилони Маҷлиси намояндагон Ш. Ҳакимзода ва Х. Амонулло бо сокинони деҳоти «Зиракӣ»-и шаҳри Кӯлоб низ вохӯрӣ анҷом доданд.**

Баромадкунандагон дар бораи самтҳои афзалиятноки минбаъдаи рушди мамлакат, рақамикунонии иқтисодиёт, мусоидат дар таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва ба кишвари содиркунандаи «неруи сабз» табдил додани Тоҷикистон, рушди босуръати соҳаҳои саноату сохтмон, кишоварзӣ, иҷтимоӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, эҳтиром ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин, арҷ гузоштан ба фарҳангу маданияти миллӣ ва дигар масъалаҳо, ки дар Паёми навбатии Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид гардид, мулоҳизаронӣ намуданд.

**Чунин як мулоқоти дигар бо иштироки вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳаёт Одинаев дар деҳоти «Панҷоб»-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ баргузор гардид.**

Вакили Маҷлиси намояндагон ҳангоми суханронӣ муҳтавои Паёми Президенти кишварро ба сокинон расонда, онҳоро ба сарфакории неруи барқ, дуруст истифода бурдани заминҳои наздиҳавлигӣ, аз онҳо гирифтани ду-се ҳосил, инчунин, дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия кардани ҷавонон даъват намуданд.

**31-уми январ вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Солеҳа Холмаҳмадзода бо намояндагони аҳли илму маорифи шаҳри Турсунзода вохӯрӣ доир намуд.**

Намояндаи мардумӣ дар суханрониаш таъкид намуд, ки дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба пешбурди илму маориф вазифаҳои мушаххас гузоштанд, зеро маҳз илм ва маориф дар пешрафти тамоми соҳаҳо нақши калидӣ доранд.

Дар идома вакили мардумӣ оиди зарурияти боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ, омода намудани хонандагон ба озмуну мусобиқаҳои фаннӣ, риояи фарҳанги миллии либоспӯшӣ, пешгирии таҳсилоти ғайрирасмии динии ҷавонону наврасон, татбиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», тарбияи ватандӯстии ҷавонон, корбарии дурусти сомонаҳои иҷтимоӣ, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ, ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб намудани шаҳрвандони аз синни 18 боло, таҳкими дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва дигар масъалаҳои мубрами рӯз ибрози назар намуд.

**Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзулло Наҷмиддиниён барои расондани муҳтавои Паём дар маркази шаҳри Роғун, шаҳраки Обигарм, деҳоти «Қади об» ва «Сичароғ» бо интихобкунандагон вохӯрӣ баргузор намуд.**

Зимни вохӯрӣ қайд гардид, ки Паёми имсолаи Сарвари давлат бо фарогирии тамоми соҳаҳои ҳаёти мардуми кишвар, дастоварду муваффақиятҳо дар муқоиса ба солҳои қаблӣ мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор гирифт.

Мавсуф иброз дошт, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тақвияту таъмини ҳамаҷонибаи пешрафти давлат, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ваояндаи дурахшони мамлакат нақши муҳим мегузоранд. Ироаи ҳамасолаи Паём дар сохтори мураттаб ҳамаи самту соҳаҳои ҷомеаро фаро гирифта, пеш аз ҳама, дар доираи таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба барои тақвияти равандҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат рӯи кор оварда мешавад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 феврали соли 2024, № 38, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намудани Мубораклшозода Ғ. Ғ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Мубораклшозода Ғайратшо Ғуломшо муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 феврали соли 2024, № 39, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Шарифзода Ф. Р.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 феврали соли 2024, № 40, ш. Душанбе**

**Дар бораи сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намудани Насуриён П. А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Насуриён Пӯлод Асадулло сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ТАКМИЛИ ИХТИСОС - ТАКОНБАХШИ РУШДИ СОҲАИ МАОРИФ

**Соҳаи маориф дар сиёсати муваффақонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат яке аз самтҳои афзалиятнок маҳсуб меёбад. Дар даврони соҳибистиқлолӣ Пешвои миллат, новобаста аз вазъи иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии кишвар, ба ин самт таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, барои рушди он шароити мусоидро фароҳам оварда истодаанд.**

Дар Паёми Сарвари давлат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2023, ки дар он тамоми паҳлуҳои давлатдории кишвар мавриди таҳлил қарор гирифт, ба соҳаи маориф диққати махсус зоҳир карда шуд. Аз мазмуни Паём чунин бармеояд, ки дар низоми имрӯзаи сиёсати давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маориф ҷойгоҳ ва манзалати хоса дорад. Аз ҷониби Пешвои миллат таъкид шудани он, ки «рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад» бозгӯи он аст, ки Сарвари давлат ояндаи ободу дурахшони Тоҷикистони соҳибистиқлол, шароити арзанда ва рӯзгори босаодати мардуми бофарҳанги кишвар, бунёди ҷомеаи солим, насли босаводу худогоҳ ва соҳибмаърифатро, маҳз ба рушди илму маориф дар кишвар тавъам меҳисобанд.

Омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи байналмилалӣ, боло бурдани сатҳи таълим ва сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, доимо дар меҳвари сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Мусаллам аст, ки беҳтар шудани сатҳи таълим ва сифати таҳсилот ба сатҳи донишу малакаи касбӣ ва пайваста ташаккул додани салоҳиятнокии касбии омӯзгорон алоқамандии ногусастанӣ дорад. Дар шароити имрӯза яке аз роҳҳои самарабахши ташаккули дониш ва салоҳиятнокии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ мондани такмили ихтисоси онҳо маҳсуб меёбад.

Такмили ихтисоси омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, пеш аз ҳама, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар рушди соҳаи маориф ва омода намудани мутахассисони рақобатпазири бозори меҳнат нақши калидӣ дорад, дар меҳвари таваҷҷуҳи Пешвои миллат қарор гирифтааст. Дар Паёми навбатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба такмили ихтисоси омӯзгорон таваҷҷуҳ намуда, таъкид карданд, ки «ба масъалаи аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгорон дар ҷомеа... эътибори аввалиндараҷа зоҳир гардад».

Дар шароити имрӯза, ки ислоҳоти соҳаи маориф дар аксар зинаҳои таҳсилот бомаром идома дорад, такмили ихтисоси омӯзгорон яке аз масъалаҳои асосӣ ба шумор меравад. Қайд намудан бамаврид аст, ки натиҷаи назаррас ва самарабахши ҳама гуна ислоҳоту пешравӣ дар ҷомеа, пеш аз ҳама, аз омӯзгори донишманду фарогири донишҳои замонавии соҳавӣ, татбиқкунандаи усулҳои наву фаъоли таълим ва бархӯрдор аз технологияи пешрафта вобастагӣ дорад.

Чунин талабот ба он нигаронда шудааст, ки зимни гузаштан аз такмили ихтисос талаботи ташаккулёфтаро ба худтаълимгирӣ, қобилиятнокиро ба худинкишофдиҳӣ, моилро ба худамалинамоӣ батадриҷ рушд дода, барои боло бурдани донишу малакаи омӯзгор барномаҳои замонавии таълимиро роҳандозӣ намуд.

Имрӯз назари аксари коршиносон бар он аст, ки такмили ихтисос ҳамчун таҳсилоти касбии иловагӣ, бояд ба он нигаронда шавад, ки боиси такмил додан ва бозбинӣ намудани донишҳои мавҷуда ва аз худ намудани малакаҳои касбии умумисоҳавӣ ва соҳавии омӯзгорон гардад.

Муҳимияти гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос аз ҷониби омӯзгорони зинаҳои гуногуни муассисаҳои таълимиро Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид намуда, зимни мулоқот дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи дониш 1-уми сентябри соли 2010 иброз дошта буданд: «Мусаллам аст, ки дар шароити рушди бесобиқаи илму дониш тарзу шакли таълим такмил меёбанд. Ин бошад, таъсиси Донишкадаи такмили тахассуси омӯзгорони мактабҳои олиро тақозо менамояд». Ҳамин тавр, бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011, таҳти № 124 «Дар бораи таъсиси Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ба тасвиб расид.

Боло бурдани сатҳи дониш ва беҳсозии фаъолияти омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ нав набуда, на танҳо доштани донишҳои амиқро марбут ба фанни мушаххаси тадрисмешуда тақозо менамояд, балки замоне расидааст, ки дар самти баланд бардоштани салоҳиятнокии касбии омӯзгор чораҳои мушаххас андешида шавад.

Ёдовар шудан аз суханони Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мувофиқи мақсад мебошад: «Тавассути такмили ихтисос омӯзгор метавонад таҳсилоти заминавии худро таҳким бахшида, фаъолияти хешро ба муҳит ва талаботи нави иқтисодиву иҷтимоӣ мутобиқ созад».

Маҳз, гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос имкон медиҳад, ки дониш, маҳорат ва малакаи касбии омӯзгор бо ҳам васл гардида, ба раванди ворид шудан ба низоми нави таълим ва ҷавобгӯй шудани ӯ ба талаботи замонавии таҳсилот, боло бурдани салоҳиятнокии касбӣ ва ҳамзамон, ба рушди шахсияти омӯзгор мусоидат намояд. Такмили ихтисос имкон медиҳад, ки қобилияти инфиродии омӯзгор ошкор гардад, он муттасил сайқал ёбад ва барои боло бурдани сатҳу сифати таълим ва тарбия истифодаи дурусту натиҷабахши он роҳандозӣ карда шавад. Чунин тарзи корбарӣ ба боло бурдани сифати таълим, омода намудани мутахассисони рақобатпазири бозори меҳнат, рушди соҳаи маориф ва дар умум, пешрафти Тоҷикистони азиз мусоидат менамояд.

**Хайрулло МИРЗАМОНЗОДА,**
**директори Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**



# АЗ НИШАСТҲОИ МАТБУОТӢ

## Раҳим САИДЗОДА: «25 ГЕКТАР ЗАМИНИ ҒАСБШУДА БА МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ БАРГАРДОНДА ШУД»



**- Санҷишҳо нишон доданд, ки 51 гектар замини назди муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шаҳру ноҳияҳо ғасб шудааст, - гуфт зимни нишасти матбуотӣ вазири маориф ва илми кишвар Раҳим Саидзода.**

- Вазорат то имрӯз дар ҳамкорӣ бо Прокуратураи генералӣ ва Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар вилояти Хатлон 6,12 гектар, вилояти Суғд - 8,68 ва дар шаҳру ноҳияҳои дигар 10,2 гектар замини муассисаҳои таълимиро ба ихтиёрашон бозгардонд, ки дар маҷмӯъ, 25 гектарро ташкил медиҳад. Замини боқимонда низ ояндаи наздик ба муассисаҳо баргардонда мешаванд, - афзуд Раҳим Саидзода.

Тавре иттилоъ гирифтем, соли 2023 ба мутахассисони ҷавон 1 миллиону 890 ҳазор сомонӣ қарзи имтиёзнок ва 5,2 гектар замин ҷудо гардидааст.

Дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ барои гузаштан ба низоми бисёрхолаи баҳогузорӣ «Дастурамали меъёрҳои 10-холаи баҳодиҳӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон» тасдиқ шуда, нақшаи қабул ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар 60, 79 фоиз иҷро гардид.

Ин муддат Коллеҷи омӯзгории «Асосгузор» дар шаҳри Турсунзода ва Коллеҷи тиббии ноҳияи Муъминобод ба фаъолият оғоз намуданд.

Соли 2023-юм 3432 хатмкардаи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ барои кор ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сафарбар гардиданд. Маълум гардид, ки ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 300 омӯзгор намерасад.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**

## 1 МИЛЛИАРДУ 431 МИЛЛИОН ДОЛЛАРИ ИМА МАБЛАҒ ҶАЛБ ГАРДИД



**1-уми феврали соли равон зимни нишасти матбуотӣ вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон Далер Ҷумъа иброз намуд, ки дар мамлакат бо назардошти неругоҳҳои барқи обии хурд истеҳсоли неруи барқ дар ҷумҳурӣ 21,7 миллиарду 861,3 миллион кВт. соатро ташкил медиҳад.**

Ҳаҷми истеҳсоли неруи гармӣ ба 943,2 ҳазор гигакалория баробар гардид, ки ин нишондиҳанда нисбат ба дурномаи солона 285,7 ҳазор Гкал ё 23,2 фоиз ва нисбат ба соли 2022 бошад, 200,2 ҳазор Гкал ё 17,5 фоиз кам мебошад. Ҳамзамон, ҷамъоварии умумии ҳаққи истифодаи неруи барқ аз бозори дохилӣ бо назардошти 504,8 миллион сомонӣ ҳисоббаробаркуниҳои қарзҳои Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ ва муассисаҳои буҷетӣ 95,7 фоиз ё 4 миллиарду 143 миллион сомониро ташкил дод.

- Дар давраи ҳисоботӣ, аслан корҳо дар доираи 11 лоиҳаи давлатии сармоягузории соҳаи энергетика, аз ҷумла лоиҳаи «Таҷдиди Неругоҳи барқи обии Сарбанд», лоиҳаи «Ҷорӣ намудани системаи ҳисоби яклухти интиқоли неруи барқ ва беҳдошти шабакаҳои интиқоли барқ», «Таҷдиди Неругоҳи барқи обии «Қайроққум», «Лоиҳаи минтақавии хатти интиқоли барқи «CASA - 1000», «Марҳилаи якуми таҷдиди Неругоҳи барқи обии «Норак», «Барномаи солимгардонии вазъи молиявии ширкати энергетикӣ» ва ғайра идома ёфта, дар доираи онҳо 1 миллиарду 431 миллион доллари ИМА маблағ ҷалб карда шуд, - зикр кард Далер Ҷумъа.

**Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ,**
**«Садои мардум»**

## ТОҶИКИСТОН «КИШВАРИ САБЗ» МЕШАВАД



**Раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зист Баҳодур Шерализода зимни нишасти матбуотӣ 1-уми феврал иброз намуд, ки дар мавсими ниҳолшинонӣ ва сабзу хуррамгардонии тирамоҳи соли 2022 ва баҳори соли 2023 дар ҷумҳурӣ 1 миллиону 722 ҳазору 190 бех ниҳоли дарахтони ҳамешасабзу мевадиҳанда ва сояафкану ороишӣ шинонда шуд.**

Инчунин, бо мақсади ободу зебо гардондани кӯчаю хиёбон ва гулгаштҳо дар шаҳру ноҳияҳои кишвар 20 миллиону 53 ҳазору 815 бех гулу буттаҳои рангоранг шинонда шуда, 269 ҳазору 262 метри мураббаъ ба майсазор табдил гардид.

- Ҳоло дар мамлакат 80 партовгоҳи расмӣ мавҷуд аст, ки майдони умумиашон 370 гектарро ташкил медиҳад. Соли 2023 дар ҷумҳурӣ 1878 маротиба аксияи «Тозагии маҳал» ва 1435 маротиба аксияи «Тозагии шоҳроҳ» баргузор гардида, партовҳои ҷамъшуда ба партовгоҳҳои расмӣ интиқол дода шуданд,- зикр намуд Баҳодур Шерализода.

Соли гузашта бо ташаббуси кумита дар шаҳри Душанбе маркази минтақавӣ оид ба идоракунии партовҳо таъсис дода шуд. Фаъолияти он ба ҳамоҳангсозии давлатҳои минтақа барои коҳиш додани таъсири манфии партовҳо ба муҳити зист, гузариш ба «иқтисодиёти сабз» ва тақвияти ҳамкориҳо барои ҷалби маблағгузорӣ аз тарафи донорҳо ва шарикони рушд равона шудааст.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**

## САРШУМОРИ ҚУТОСҲО 5 САР ЗИЁД ШУД



**31-уми январ дар толори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ нишасти матбуотӣ баргузор гардид.**

Зимни нишаст раиси ноҳия Муқим Муродзода аз ҷумла, иттилоъ дод, ки дар ҳудуди ноҳия шумораи қутосҳо зиёд гардида, то кунун 1070 сарро ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ 5 сар зиёд мебошад. «Мо кӯшиш мекунем парвариши қутосро дар ҳудуди ноҳия боз ҳам зиёд намоем», - иброз дошт раиси ноҳия.

**Компони АСЛОН, «Садои мардум»**

## МАҲСУЛОТИ ПАСТСИФАТ НОБУД КАРДА ШУД



**- Кормандони Раёсати стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо дар минтақаи Кӯлоб соли 2023 барои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, бозори дохилӣ аз молу маҳсулоти пастсифат 2022 килограмм маҳсулоти муҳлати истифодаашон гузаштаро мусодира ва нобуд карданд, - гуфт сардори раёсат Ҷӯрахон Сайдализода 29-уми январ зимни нишасти матбуотӣ.**

Кормандони раёсат дар 289 нуқтаи савдо, бозорҳо ва нуқтаҳои хӯроки умумӣ санҷиш гузаронда, барои саҳлангорӣ 346 нафар соҳибкоронро ба маблағи 86 ҳазору 972 сомонӣ ҷаримабандӣ намуданд.

Инчунин, 73 корхонаю ташкилот ва соҳибкоронро мавриди санҷиш қарор дода, 41 нафар коргари сехҳои хурди истеҳсолӣ дар асоси талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 8500 сомонӣ ҷаримабандӣ гардиданд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

## ҚАРЗДОРИИ ҲАҚҚИ ХИЗМАТИ ОБРАСОНӢ БА 168,3 МИЛЛИОН СОМОНӢ РАСИД

**1-уми феврал дар нишасти матбуотӣ директори Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ Зафарбек Давлатзода иброз намуд, ки мавсими обдиҳии соли 2023 идораҳои давлатии беҳдошти замин ва обёрии шаҳру ноҳияҳо бо 55280 истифодабарандаи об дар майдони 548273 гектар шартнома ба имзо расонда, ба онҳо дар ҳаҷми 4 миллиарду 241,2 миллион м³ об бо арзиши 80,8 миллион сомонӣ хизмат расондаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 15 м³ зиёд мебошад.**



- Соли 2023 бинобар сабаби гузарондани чорабиниҳо вобаста ба ҷорӣ намудани низоми биллингӣ ва пардохти ғайринақдии маблағҳои ҳаққи хизмати обрасонӣ ҷараёни пардохти маблағҳои ҳаққи хизмати обрасонӣ каме ба таъхир афтода, дар маҷмӯъ, 51, 2 миллион сомонӣ ё 63 фоизро ташкил медиҳад. Бо вуҷуди он ки идораҳои давлатии беҳдошти замин ва обёрӣ ӯҳдадориҳои шартномавиашонро дар назди истифодабарандагони об пурра иҷро карда бошанд ҳам, вале обистифодабарандагон, хусусан хоҷагиҳои кишоварзӣ, ҳаққи хизмати обрасониро сари вақт ва пурра пардохт намекунанд. Бинобар ин, қарздорӣ аз ҳисоби ҳаққи хизмати обрасонӣ афзоиш ёфта, бақияи он бо назардошти солҳои пеш 168,3 миллион сомониро ташкил менамояд. Бо мақсади рӯёндани маблағи қарз ба мақомоти суди иқтисодӣ ва Прокуратураи генералӣ аз ҷониби идораҳои давлатии беҳдошти замин ва обёрии вилоятҳо ва минтақаҳо ба маблағи 35,6 миллион сомонӣ ҳуҷҷат ва аризаҳои даъвогӣ пешниҳод гардида, ба фоидаи идораҳои беҳдошти замин ва обёрӣ 7,1 миллион сомонӣ рӯёнда шуд ва 28,5 миллион сомонӣ дар арафаи баррасӣ қарор дорад, - афзуд директори агентӣ.

**Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ,**
**«Садои мардум»**

## СОЛИ 2023 ДУ ШАҲРАКИ НАВ ТАЪСИС ЁФТААСТ

**Соли 2023 бо пешниҳоди Кумитаи рушди маҳал 4 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъсис додани шаҳрак, ба категорияи деҳа мансуб донистани маҳали аҳолинишини навбунёд, иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳру ноҳияҳои Левакант, Тоҷикобод, Восеъ, Зафаробод ба тасвиб расида, дар асоси он 2 шаҳрак таъсис ёфта, номи 2 деҳот ва 12 деҳа иваз шуд.**



Ҳамчунин, як маҳали аҳолинишини навбунёд ба категорияи деҳа мансуб дониста шудааст. Ин нуктаро раиси Кумитаи рушди маҳал Шарифҷон Ҷумъазода дуюми феврал зимни нишасти матбуотӣ баён кард.

- Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи банди 85 нақшаи чорабиниҳои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17-уми январи соли 2020 таҳти №АП-1325 оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли 2019 зикр гардидаанд, барои дар давоми 10 сол дар ҳар деҳа ва маҳали аҳолинишине, ки 100 хоҷагӣ зиёд доранд, бунёд кардани муассисаи томактабӣ, толор ва майдончаи варзиширо барои иҷро ба роҳбарӣ гирифта, дар давоми 3 соли охир рафти иҷрои онро мавриди таҳлил қарор додааст. То 1-уми декабри соли 2023 дар ҷумҳурӣ 104 муассисаи томактабӣ, 276 толор ва 897 майдончаи варзиш бунёд гардидааст, - зикр кард номбурда.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум»**

## 2542,2 ГЕКТАР ҶАНГАЛ БУНЁДУ БАРҚАРОР ГАРДИД

**Соли 2023 дар 2542,4 гектар ҷангалзор бунёду барқарор карда шуд. Дар ин бора директори Агентии хоҷагии ҷангал Абдуҷаббор Юсуфзода якуми феврал дар нишасти матбуотӣ иттилоъ дод. Бино ба гуфти ӯ, дар ин давра аз ҷониби ташкилоту муассисаҳои агентӣ 11 ҳазору 502 килограм тухмии дарахту буттаҳо ҷамъоварӣ шудааст, ки барои ниҳолпарварӣ истифода мешавад.**



Доир ба пешгирии қонунвайронкунӣ номбурда зикр кард, ки соли сипаришуда аз тарафи кормандони ҳифзи давлатии ҷангал, бинобар вайрон кардани талаботи қонунгузории соҳа нисбат ба ҳуқуқвайронкунандагон санад тартиб дода шуда, 742,1 ҳазор сомонӣ зарар муайян карда шудааст. Аз ин маблағ 708,2 ҳазор сомонӣ барқарор шудааст. Ҳамчунин, 1034 протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 273,7 ҳазор сомонӣ тартиб дода, 241,7 ҳазор сомонии он ситонида шудааст.

Иттилоъ гирифтем, ки бо мақсади ба танзим даровардани шикори ҳайвоноти ваҳшӣ ва парандагон, инчунин, пешгирӣ намудани шикори ғайриқонунӣ мавсими шикори тирамоҳӣ-зимистонии ҳайвоноту парандагони ваҳшӣ аз 1-уми сентябри соли 2023 то 25-уми январи соли 2024 муайян ва додани роҳхат ва пардохти маблағи онҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба роҳ монда шудааст. Соли 2023–юм 432 роҳхати шикор ба маблағи умумии 103797 сомонӣ дода шудааст.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум»**

# ВОХӮРИИ ВАКИЛОН БО ИНТИХОБКУНАНДАГОН

**(Идома аз саҳ. 1)**

Инчунин, Файзулло Наҷмиддиниён оид ба дигар самтҳои Паём, аз ҷумла оид ба таъмини пешрафти соҳаҳои иқтисодиёту саноат, энергетика, роҳу нақлиёт, амнияту мудофиа, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, илму маориф, тандурустӣ, фарҳанг, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, занон, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, маълумоти муфассал дод.

**Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғайрат Азиззода дар ноҳияи Мастчоҳ бо сокинони шаҳраку деҳот, фаъолону интихобкунандагон мулоқот доир намуд.**

Ғайрат Азиззода нуктаҳои муҳими Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олиро шарҳу тавзеҳ дода, аз ҷумла, таъкид дошт, ки масъалаҳое, ки дар Паём матраҳ гардидаанд, ба рушди соҳаҳои гуногун ва дар умум, ба беҳтар гардидани сатҳи некуаҳволии сокинони мамлакат мусоидат хоҳанд кард.

Инчунин, вакилони Маҷлиси намояндагон Раънохон Бобоҷониён ва Мавлудахон Мирзозода бо мардуми деҳоти «Овчиқалъача», «Зарзамин» ва «Хиставарз», Мирзоанвар Ахмедов бо сокинони деҳоти «Унҷӣ» ва ба номи Ҳайдар Усмонови ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, Абдуҷаббор Умарзода бо сокинони шаҳри Истаравшан, Файзулло Қосимӣ дар ноҳияи Ҷаббор Расулов бо интихобкунандагон ва фаъолон мулоқоту вохӯриҳои судманд доир намуданд.

**1-уми феврал вакили Маҷлиси намояндагон Ғиёсиддин Шарифзода оид ба амалишавии ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, боло рафтани сатҳи некуаҳволии сокинон, рушди соҳаҳои маориф, фарҳанг ва тандурустӣ, баланд шудани мавқеи зан дар ҷомеа, дастгирии ҷавонон, тақвият бахшидани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, нафақаҳои меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, ҳифзи оромию осудагии мамлакат ва дигар нуктаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ омадаанд, зимни вохӯрӣ бо фаъолони ноҳияи Айнӣ суханронӣ намуд.**

Иброз гардид, ки имрӯз ҷаҳон дар ростои шадидтарин буҳронҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ахлоқию фарҳангӣ қарор дорад. Дар чунин вазъият давлате метавонад аз ин буҳронҳо эмин монад, ки фарзандони донишманд, фазои орому осуда, суботи сартосарӣ дошта бошад. Имрӯзҳо, ки оромӣ ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ дар фазои мамлакат танинандоз аст, бояд ҳар сокин ба қадри ин неъмат бирасад ва дар ҳифзу нигоҳдошти ин оромӣ ҳамеша талош намояд.

**1-уми феврал вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фазлиддин Икромӣ ва Абдулло Меъроҷ дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин бо интихобкунандагон мулоқот намуданд.**

Зимни вохӯрӣ вакилон оид ба муҳтавои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, аз ҷумла қисми даромади буҷети давлатӣ, раҳо намудани мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба давлати транзитӣ табдил додани он, лоиҳаҳои сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингард, инчунин, бунёди роҳҳои муосир дар ояндаи наздик, ибрози андеша намуданд.

Вакилони мардумӣ сокинонро ба амалисозии барномаю нақшаҳои бунёди инфрасохтори сайёҳӣ, рушди ҳунарҳои мардумӣ, ташкилу назорати корҳои ободонию сабзкорӣ, тозаю озода нигоҳ доштани маҳалҳо, ҳифзи табиат ва истифодаи самараноки заминҳои президентӣ ва наздиҳавлигӣ ҳидоят намуданд.

**И. РАҶАБАЛӢ,**
**Сайидо НАЗАРОВ,**
**Муҳаммад ЗОКИР,**
**Мухтори АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»,**
**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҷашни меҳру фаровонӣ

# ЧАРО МУҚОВИМАТ БО САДА САХТУ САНГИН ШУД?

**Воқеияти таърих аст чунин як идвора, ки бо гузашти солҳо аз хотир фаромӯш шуда буд. Шояд доирае муқовимат варзад, ки ин тавр набуду нашуд, вале ба адабиёти як аср пеш назар биандозеду ба насле, ки худамон мешинохтем. Ин замон қисмате ба ҷашнвораҳо садоқат надоранду гурӯҳе мухолифат мекунанд, аммо ба ҳар ҳол, чаро барои аз ёдҳо тарошидани Сада амалҳои зиёде анҷом хӯрд?**

Бояд зикр шавад, ки дар ибтидо Сада ба хотири дилхушӣ ва фароғат ба миён наомада, балки зарурат ва эҳтиёҷи рӯзгор ва зиндагии инсонҳо будааст. Пасон, бо гузашти марҳилаҳои тараққиёт такомул ёфта, аз як маросими одию барои омма ба василаи тарғибу талқин анъанаи ҷовидона ва намунаи барҷастаи русуми поянда ва аҷибу шавқовар табил шуд. Сада аз гузаштаи пурғановати тоҷик, шоҳону номварони асрҳои пешин, шаҳристонҳо ва оташкадаҳое, ки маросими ҷашн баргузор мешуд, адлу дод, диҳишу бахшиши эшон, аз оини хуштарҳ, адабиёти тановар ва чанд паҳлуи зиндагиномаи мардум маълумот дошту дорад

Аз осори омӯхтаам натиҷа бармеояд, ки ба таълимоти зардуштӣ низ дар алоқамандӣ набуда, намунаи эътиқоду арҷгузорӣ ба офтоб ва нишонае аз он – оташ дар рӯи замин будааст. Яъне, намунаи эътиқоди ибтидоист. Бино ба гуфтаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Дар миёни қувваҳои сершуморӣ бадӣ, ки ҷони инсонро дар азоб ва таҳлука меандохт, бахусус хушкӣ ва торикӣ бисёр зиёновар буданд. Онҳо дарёфтанд, ки бар зидди ин неруҳо озар ё оташ ва раъду барқ муассиранд. Бар зидди торикӣ Хуршед – унсури тавонову муқаддас мавриди парастиш қарор гирифт».

Ба ҳар ранг мебояд ба замони пайдоишаш диққат кунем, ки акнун инсонҳо рӯ ба пешравӣ доштанд ва ҳанӯз давлатсозӣ сомон наёфта буд. Сада ҳамчун ҷашнвора батадриҷ ташаккул ёфт ва ба маросиме бузурге дар давлатдории Сосониён табдил шуд ва ба оину кеш пайваст. Ҷашнҳои хурду бузурги мардумони ориёӣ бо оташ ва рӯшноӣ дар алоқамандианд. Маросимҳои Наврӯз бе арҷгузорӣ ба оташу рӯшанӣ аҳамият надорад. Чуноне дар миёни идҳо Шопур «Оташро барои табаррук ба он, ба ҷойҳои баланд қарор дод, ки ҷавро ҳарорати он пазонад ва ашёи касифаро бисӯзонад. Ва мояи фасодоварро ин ҳарорат нобуд намояд». Ҷашнҳо бо вуҷуди умумият урфу маросиму анъана ва аломатҳои фарққунанда доштанд. Чуноне, Наврӯзу Меҳргонро ба эътидоли шабу рӯз, ки тақвимию нуҷумӣ ва табиист, умумият бахшад, Тиргону Шаби Ялдоро ҷойгоҳи мутлақи офтоб дар нуқтаи баландтарин ба ҳам меорад, вале гӯё Сада ба ин гуна ҳодисаи муҳими табиӣ ва нуҷумӣ алоқамандие надорад. Мешавад онро танҳо ба омодагӣ ба баҳору оғози киштукор ва шинондани дарахтон пайвандӣ дод? Гумонам, ки қонеъкунанда нест. Бинобар ин, мебояд оғози ҷашнро аз шаби чилла – мавлуди офтоб ва баргузориашро ба «Гаҳворабандони хуршед» – даҳуми Баҳман пайваст.

Аммо чаро Сада бо замми иллатҳо, ки гуфта шуд, боз ҳам рақибони бештаре пайдо кард? Бо он ки дар таркибаш аломатҳои рӯшану рӯирости анъанаҳои пешин – митроизмро дошт ва намунаи зиндаи муқовимат бо оини тоза – ислом ба шумор мерафт. Зарфияти асосии митра – оташкадаҳо пеши назар буд. Бо ин сабаб муқовимат бо Сада сахту сангин воқеъ шуд. Бо нест кардани Сада аз миён бурдани оташкадаҳо саҳл мешуд ва баръакс. Арабҳо қисмати маъбаду оташкадаҳоро хароб ва қисматеро ба масҷид табдил доданд. Бояд ба эътибор гирифт, ки арабҳо дар мубориза бо парастиши офтобу оташ таҷриба пайдо карда буданд, ҳангоми забту густариши ислом бо қудсиёти Мисру соири давлатҳо.

Сада на ҳама давру замон иди айём буду пазириш меёфт. Пас аз забткории мақдуниҳо, ки парастиши офтобу оташ дар тандеси Зевс (лотиниаш Юпитер, Худои осмон) ва Аполлон (Худои рӯшаниву нури офтоб) ривоҷ дошт, вале хосиятҳои юнониро бештар гирифт. Гумон меравад иди оташ бо аломатҳои шарқӣ дар аҳди Ашкониён зуҳур кард ва маводи зарурӣ дар мавриди парастиши Офтоб дар даст дорем, аммо дар иди Сада на.

Чаро дар як давраи муайяне пас аз забткориҳои араб Сада шуҳрат пайдо карду анқариб аз ёдҳо рафт? Дар пойдории ҷашн нахуст омили сиёсӣ аҳамият доштааст. Дар ин ҷода нақши абармардони сулолаҳои ватанпараст хеле муҳим буду монд. Аз даврони зуҳури давлатҳои миллӣ гомҳои муътамад дар сабзиш ва эҳёи оину анъана ва ҷашнвораҳои миллӣ гузошта шуд, ки бо унвони «Эҳёи Шарқ» шуҳрат дорад. Дар миён нақши давлатҳои Тоҳириён, Саффориён, Сомониён ва саҳми Яқуби Лайсу Исмоили Сомонӣ барҷаста менамояд. Дар ривоҷи ҳаракатҳои эшон мубоизаи халқ барои нигаҳдории суннатҳои падарон аҳамияти ҷиддӣ дошт.

Набояд фаромӯш кард, ки ҳар забткор бо таълимот ва оину анъанаи худ ба сарзаминҳои дигар ворид мешавад ва тибқи он амал ва аҳолии бумиро ба он иҷборан ҷазбу ҷалб мекунанд. Дар ҳамин раванд ба ҷои осору суннатҳои миллӣ ҷабран маҳсули офаридаи худ, арзишҳои созгор ба густариши таълимоти мувофиқро талқин менамояд. Ҳамчуноне араб. Онҳо параста ё худои наву пайғамбари худро бо сифату афрӯзаҳои вижа доштанд ва ин таълимот бо бовару урфу маросими бодиягардон бастабандӣ шуда буд. Корро ба соне амалӣ месохтанд, ки аз оину кеши пешин чизе боқӣ намонад. Ҳамон мақоле, ки «Филро ёди Ҳиндустон мадеҳ». Пас аз муддате дар Хуросону Варорӯд аз оташкадаҳо нишоне намонд. Ба қавли Ҳаким Фирдавсӣ, ки дар достони «Подшоҳии Яздигурд» таъкид медорад:

***Аз ин морхор Аҳриманчеҳрагон,***
***Зи донишу шарм бебаҳрагон.***
***Аз ин зоғсорони беобу ранг,***
***На ҳушу на дониш, на ному на нанг.***
***Ба Эрону Бобул на кишту дуруд,***
***Ба чархи Зуҳал бар шудӣ тира дуд.***
***Ҳама оташ бимурдӣ ба оташкада,***
***Шуди тира Наврӯзу ҷашни Сада.***

Арабҳо бо ҳар усул сиёсати худро таҳким мебахшиданд. Ба қавли Абурайҳони Берунӣ, ҳарчанд аъроб аз илми буруҷу сувар хеле дур буд, Абумуҳаммади бинни Қутайбаи Ҷабалӣ «...Дар китобе, ки дар тафзили араб бар аҷам навишта, чунин пиндошта, ки арабҳо ба ситорагон ва тулӯъю ғуруби онҳо аз ҳама халқҳо донотар будаанд. Ва ман намедонам, оё намедониста ва ё таҷоҳул карда, ки дар тамоми маконҳои замин барзгарону чӯпонҳо ибтидои аъмоли худ ва маърифати авқотро ба андозаи арабҳо медонанд».

Дар ҳамин боб донишманди шаҳир ба иззати мардуми худ қоил мешавад ва Ҷабалиро муттаҳам мекунад, ки: «Каломи ӯ дар ин китоб бар кинаҳо ва душманиҳое, ки бо эрониён дорад, далолат мекунад, зеро ба ин андоза ҳам розӣ нашуд, ки арабҳоро бар мо, эрониён, бартарӣ диҳад, балки эрониёнро забунтари халқҳо ва пасттарин махлуқ донистааст». Ва олими тавоно хеле хуб таъна мезанад, ки «агар пешиниёни арабҳоро мешинохт», гуфтаҳои дурӯғро сармашқи кори худ намекард.

Даҳшати фаъолияти истилогарони араб аз сиёсати Искандари Мақдунӣ дар сӯзондани китоби муқаддаси зардуштӣ ва манъ кардани эшон аз парастиши Оташ даҳшатноктар буд. Ба андешаи шоири олинасаб Низомии Ганҷавӣ, амри нахустини сарлашкари юнонӣ манъ кардани эрониён аз парастиши оташ буд. Онҳо бо сӯзондани Истахр минбари ҷашни Наврӯро, ки қудсиёташ дар таҷлили расмии ҳамин ҳамоиш намоён мегардид ва неруи бузурги рӯҳонӣ дошт, аз миён бурданд. Ишораи Низомӣ ба ҳамин амали ноҷавонмардонаи «муриди Арасту» буд, ки мехост эрониёнро аз муттакои асосӣ – сарчашмаи бовару арзишҳои ҷаҳоншиносӣ маҳрум намояд.







**(Давомаш дар саҳ. 4)**

# «ШАҲРИ САБЗ»
# ИҚДОМЕ, КИ БОИСИ ПАЙРАВИСТ




**Чанде пеш Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар муаррифии 30 электробуси тамғаи «Акиа НЕРУ» ширкат намуданд. Электробусҳои мазкур истеҳсоли Корхонаи муштараки «Акиа Авесто Автоматив Индастри»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бо як маротиба неруи барқ пур кардан 300 км ҳаракат мекунанд. Кафолати аккумулятор ва дигар қисмҳои барқии электробус 600 ҳазор километр ё 8 солро ташкил медиҳад.**

Як сол қабл Раиси шаҳри Душнабе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дастур дода буданд, ки ширкатҳои мусофирбарии пойтахт пурра ба низоми нақлиёти барқӣ гузаронда шаванд. Дар ҷаласаи Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе татбиқи «Барномаи давлатии рушди нақлиёти барқӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028» баррасӣ гардид. Муҳтарам Рустами Эмомалӣ масъулонро вазифадор намуданд, ки барои беҳтар намудани хизматрасонии ширкатҳои кироякаши таксӣ, пурра ба низоми нақлиёти барқӣ гузарондани паркҳои нақлиётии ширкатҳо, бунёд намудани нуқтаҳои барқгирӣ ва дигар масъалаҳо тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Моҳи августи соли 2023 дар доираи сафари расмии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Ҷумҳурии Мардумии Чин байни ҶДММ «Авесто Гурӯҳ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати «Ҷинчуен»-и Ҷумҳурии Мардумии Чин. Ёддошти тафоҳум оид ба ташкил, бунёд ва идоракунии корхонаи муштарак оид ба истеҳсоли электромобилҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иқтидори истеҳсоли 1500 мошин дар як сол ба имзо расид. Маблағи лоиҳаи мазкур 25 миллион доллари амрикоӣ буда, амалишавии он боиси таъсиси садҳо ҷои нави корӣ мегардад.

Ҳукумати мамлакат бо мақсади кам кардани истифодаи сӯзишвории карбондор, пок нигоҳ доштани муҳити зист ва тарғиби «энергияи сабз» барои воридкунандагони нақлиёти барқӣ як қатор сабукиҳо, аз ҷумла озод будан аз пардохти андоз ва боҷи гумрукиро муқаррар намудааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 21 декабри соли 2021 дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин гуфта буданд: «Бо мақсади ба тағйирёбии иқлим мутобиқ гардонидани иқтисоди миллӣ, ҳифзи муҳити зист ва беҳтар намудани вазъи экологии мамлакат воридоти нақлиёти барқӣ ба кишвар, яъне электромобилҳо, электробусҳо, тролейбусҳо ва монанди инҳо аз пардохтҳои андозӣ ва гумрукӣ пурра озод карда шаванд.

Вобаста ба ин Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки ҷиҳати тадриҷан муҳайё сохтани инфрасохтор ва дигар шароити зарурӣ барои истифодаи чунин воситаҳои нақлиёт дар қаламрави кишвар чораҷӯӣ намояд».

Иқдоми гузариш ба «нақлиёти сабз» дар пойтахти мамлакат шоёни дастгирист. Роҳбари Департаменти робитаҳои байналмилалии Барномаи СММ оид ба ҳифзи муҳити зист (ЮНЕП) дар шаҳри Нью-Йорк Ҷамил Аҳмад моҳи октябри соли 2023 зимни мулоқот бо аъзои маҳфили экожурналистони Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуд, ки ташаббуси Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар хусуси гузаштан ба «нақлиёти сабз» боиси таҳсин буда, аз он ба ҳама нафъ мерасад, зеро зиёд шудани нақлиёти барқӣ ихроҷи газҳои гулхонаиро кам намуда, боиси покиза шудани ҳавои шаҳри Душанбе мегардад. Дар навбати худ ҳавои тоза кафили солимии аҳолӣ аст.

Электробус ба монанди троллейбус, трамвай ва метро нақлиёти аз лиҳози экологӣ тоза буда, дар Британияи Кабир, Шветсия, Дания, Норвегия, Нидерландия, Беларус, Чин, Чехия ва кишварҳои дигар маъмул аст. Ҳарчанд Федератсияи Россия кишвари дорои захираҳои бузурги нефт аст, солҳои охир дар ин мамлакат ҷойи нақлиёти мусофиркаши дизелиро электробусҳои истеҳсоли ватанӣ гирифта истодаанд. Барои мисол, дар шаҳри Москва теъдоди электробусҳо қариб ба 1500 адад мерасад.

Бартарии электробусҳо дар он аст, ки онҳо зимни хизматрасонӣ газҳои гулхонаӣ хориҷ намекунанд, садои баланд надоранд, суръати ҳаракаташон беҳтар буда, хароҷоти хизматрасониашон нисбат ба автобусу троллейбус камтар аст. Масалан, троллейбус низ бо неруи барқ ҳаракат намуда, газҳои гулхонаӣ ихроҷ намекунад, вале барои ҳаракати он дар ду тарафи роҳ симчӯб кашида, хатҳои барқ (бо сими қиматбаҳои мисин) насб кардан лозим меояд. Аз ин рӯ, дар хатсайрҳое, ки сими троллейбус кашида нашудааст, ҳаракати электробусро ба роҳ мондан айни муддаост.

Коршиносон ҳисоб карданд, ки аз соли 2018 то соли 2022 ивазкунии автобусҳои дизелӣ бо электробусҳо дар шаҳри Москва боиси 80 000 тонна камтар ихроҷ шудани гази карбонат гардид. Танҳо дар соли 2022 ихроҷи гази карбонат 36000 тонна ва моддаҳои дигари ифлоскунандаи ҳаво 280 тонна кам шудааст.

Фақат соли 2022 электробусҳои шаҳри Москва 117 миллион мусофирро ба манзил расонданд. Аз рӯи ҳисоби коршиносон, хароҷоти хизматрасонии электробус нисбат ба троллейбус 10 дарсад камтар (арзонтар) будааст. Бартарии ин намуди нақлиётро ба назар гирифта, маъмурияти корхонаи маъруфи КамАЗ мақсад гузоштааст, ки дар корхонаи вагонсозии Соколникии шаҳри Москва истеҳсоли электробусро ба роҳ монад. Дар ин корхона соле 500 электробус истеҳсол хоҳад шуд.

Бартарии дигаре, ки коршиносон ба қайд гирифтанд, ин ҷалби бештари мусофирон ба электробус мебошад. Яъне, мусофирон дизайни зебо, шароити мусоид (кондитсионер), медиаэкрани иттилоотӣ ва ройгон будани Wi-Fi- ро ба назар гирифта, барои ба ҷои кору таҳсил рафтан электробусро интихоб мекунанд.

Ҳоло дар роҳҳои пойтахти мамлакат - шаҳри Душанбе бисёр мошинҳои сабукравро мебинем, ки саҳару бегоҳ танҳо бо як нафар (худи ронанда) ҳаракат мекунанд. Яъне, ҳамагӣ ду ё се мошини сабукрав дар роҳ ҷои як электробусро мегирад, аммо электробус ҷойи 2-3 мошини сабукравро ишғол намуда, 60-70 мусофирро ба манзил мерасонад. Агар шаҳрвандон ба ҷои мошини сабукрави шахсиашон ҳар чӣ бештар аз нақлиёти ҷамъиятӣ истифода баранд, танбашавии роҳҳо хеле кам мешавад.

Нақлиёти ҷамъиятӣ низ симои шаҳр аст. Боварӣ дорем, ки ташаббуси Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалиро дар дигар шаҳрҳои мамлакат низ ҷонибдорӣ менамоянд ва дар маҷмӯъ, Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои «энергияи сабз», «нақлиёти сабз» ва «иқтисодиёти сабз» дар арсаи ҷаҳон маъруф мегардад.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

Нуқтаи назар

# ЧАРО РОҲЕ НАГИРЕМ ПЕШ, КИ ОН РУШДУ НУМӮЪ ОРАД

**Бузургон дар ҳама давру замон носипосӣ ва қадрношиносиро мазаммат кардаанд. Асадии Тӯсӣ фармудааст:**
***Зи ҷӯе, ки хӯрдӣ аз он оби пок,***
***Нашояд фикандан бар он сангу хок.***

Мурод аз ин сатрҳо танҳо исрофкории неъмати бебаҳо - об ва афкандани ҳар гуна ифлосию ҳатто наҷосат ба кӯл, наҳру дарёҳо нест. Ҳарчанд айни муддаост, агар аз рафтори иддае аз ҳамватанон нисбат ба оби муқаддас, неъмати бебаҳое, ки бе он ҳаёт дар рӯи замин вуҷуд дошта наметавонад, оғоз кунем. Чун сухан аз боби имону инсоф, дину оини мусулмонӣ равад, аксарият аз худ ҳомии шариат метарошанд. Дар амал бошад, аксари онҳое, ки хасу хошок ва партовҳои хонаю ҳавлӣ, ҳоҷатхонаю оғилҳояшонро рӯфта, ба оби поки наҳру дарёҳо мерезанд, эҳтимол панҷ вақт намозашонро тарк накарда, рӯза ҳам доранд. Пас, ин ҳама тавофутро чӣ гуна метавон шарҳ дод?

Қазоват намоед, агар мардум муддате бо ягон сабаб аз оби нӯшокию барқ бенасиб монанд, чӣ қадар шӯру валвала бармехезад. Дар сайёра ҳамарӯза ҳазорон нафар аз нарасидани оби нӯшокӣ танқисӣ мекашанд ва ҷони худро аз даст медиҳанд. Дар хурдсолӣ ба мо талқин мекарданд, ки ҳаргиз ба об туф ва нонро таги по накунем. Коғазу китобро пеши по назанем, ки кӯр мешавем. Бемуҳобот, ба ҳақиқати он таъкидҳо эътимод дорам ва борҳо дар зиндагӣ шоҳиди ҳолатҳое гардидаем, ки носипосон беҷазо намондаанд. Мисолҳо лак андар лаканд, вале ба доно ишораву ба нодон калтакро фармудаанд.

Дар шаҳру ноҳияҳо ба ҳолатҳои мағшуше дучор омадан мумкин аст, ки табъи одами заррае имону инсофдошта хира нашуда наметавонад. Аз ҷумла, дар пойтахт - шаҳре, ки имрӯзҳо қариб аз тамоми гӯшаю канори олам меоянду мераванд ва бархе дер боз кору зиндагӣ менамоянд. Бовари кас намеояд, ки онҳо дар мулки бегона ҷуръат пайдо кунанду ба шикастани шишаҳои истгоҳҳо, дарахтони сабз, рӯи роҳҳо афкандани пасмондаҳо, кашидану нависондани ҳар гуна расмҳои бешармона ва суханони қабеҳ даст зананд. Меҳмонон мумкин аст ин амалҳоро аз ҷониби баъзе наврасону ҷавонон ва ҳатто солмандони мо дида гиребони тавба ба даст гиранд.

Эҳтимол, онҳо беморони ботиние бошанд, ки аз харобкориҳо, зулм ба ҳайвону парандагон, ҷабр ба одамон кайфияте бубаранд. Вақте дар пойтахти ҷумҳурӣ, ки ҳамеша равуои одамон, гаштугузори нозирони милиса қатъ намегардад, чунин бошад, пас, аз ноҳияву деҳоти дурдаст чӣ ҷои гила? Наход илоҷи дастгир ва ҷазо додани чунин харобкорон мавҷуд набошад, дар сурате ки ин қадар воситаю таҷҳизоти нодир мавҷуданд? Агар як харобкорро дастгир намудан номумкин бошад, пас, чӣ гуна метавон ягон ҷинояткори хавфнокро дастгир намуд?

Ҷои инкор нест, ки ин кори бархе фарзандони ҷомеаи мост. Фарзандоне, ки аз беназоратии падару модарон эркатулфор ба воя расида, бинобар зери таъсири ҳар гуна таблиғоти ифротгароёнаи душманони миллат мондан ба чунин бетамизиҳо даст мезананд. Пас, ҳайфи он маблағҳое, ки дар кӯдакистону муассисаҳои таълимӣ бо мақсади тарбияи ин тоифа ҷудо ва сарф мегарданд. Ҳайфи маблағу меҳнати сарфшудаи шаҳрдорону устоҳо, ки ба хотири ободию зебоии шаҳру ноҳияҳо харҷ мешаванд.

Бадии кор дар он аст, ки чунин харобкорон фардо амалҳои аз ин ҳам зишттарро анҷом медиҳанд. Кирмҳо ба аждарҳо табдил меёбанду барои нафсу манфиати худ ҳама чизро аз пеши роҳашон мебардоранд. Аз бенизомиҳои солҳои навадуми асри гузашта истифода намуда, чунин шахсон ба сари чӣ қадар корхонаю иншооти ободи об рехтанд. Бар ивази маблағи ночиз бо баҳонаи хусусигардонӣ он дастовардҳои бузурги саноатие, ки бо пули умум сохта шуда буданду садҳо ҳазор оилаҳоро мехӯронду мепӯшонд, валангор намуданд.

Дар оғӯши гарми Ватан истода, хиёнат ба халқу Ватан аз ин зиёд намешавад. Ба маънои маҷозӣ, Тоҷикистони биҳиштосои мо низ шабеҳи ҳамон ҷӯест, ки мо обашро меошомем, тамоми нозу неъматҳои диёрро истифода мекунем, аммо иддае аз дастурхон нон хӯрда, ба он туф мекунанд. Чунин пастфитратон дар ҳасрати як қулт обу як пора нон, дар вайронае аз олам хоҳанд даргузашт. Пушаймон хоҳанд шуд, вале дер хоҳад гашт.

Чанде аз ин мушоҳидаҳоро дар пойтахт дидаю нороҳатона бо телефон акс бардоштам ва аз тариқи «Фейсбук» барои андеша ва ислоҳ пешниҳод намудам. Бо шукрона аз сулҳу суботи Ватан ва мушоҳидаҳо аз вазъи ногувори кишварҳои дар оташи ҷанг қарордошта гуфтам:

**Чаро роҳе нагирем пеш, ки он рушду нумӯъ орад,**
**Шукуфоию хушбахтию бахту обрӯ орад?**

**Мирзо РУСТАМЗОДА, «Садои мардум»**

Ҳамовозӣ

# БЕГОНАПАРАСТ НАБОШЕМ!

**Мақолаи Мирзо Рустамзода «Бо ному бо забон бувад эҳтироми мо» («Садои мардум» №14, 29 январи соли 2024) писандам омад. Ва ин сатрҳоро рӯи коғаз овардам. Бинед, бо чӣ ҳиссиёте гуфта шудаанд: «Ҳар миллате тавассути номгузорӣ меҳру муҳаббати худро ба Ватан, сарзамини аҷдодӣ баён медорад. Ном дар мардуми мо ҳамеша бо нанг ва нанг бо ном якҷоя меоянд».**

Хонандагони арҷманд, агар номи модар ё ҳамсари шумо Дилафрӯз бошаду дар зоднома Зӯрафрӯз нависанд; фарзандатонро Пирмуҳаммад ном мебареду котиби ҷамоат Пирмат сабт кунад; аз ҳамон шаҳодатноманавис хоҳиш карда бошед, ки писаратон дар моҳи рамазон таваллуд шудаасту ягон номи арзанда ёбад ва ӯ «Ин тавр бошад, номаш Рамазон» гӯяд, шуморо чӣ ҳиссиёт фаро мегирад? Пас аз муддате шумо номҳои гӯшнавозу дилшинро шунида, аз дусар ба ғалаткору номгузор ҳарфи қабеҳ мефиристед, вале чӣ суд аз ин норозигӣ, ки дер шудааст...

Шукрона, ки ба фарзандон дигар Сабзу Сурху Зарду Кабуд, Сангу Сафол, Табару Тешаю Каланд, Моҳаку Зоғаку Аловак, Сайхудову Дайхудо ном намегузорем. Маҳз, ба хотири он, ки номҳои номувофиқу нозеб касро нороҳат накунаду ном ҳамчун нимӣ ҳусни инсон қадр пайдо намояд.

Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ»-ро дар шакли аслӣ, русӣ ва англисӣ мураттаб кард. Он аз рӯи алифбо аз 1362 исми духтарона ва 2000 исми писарона иборат аст. Хуб шуд, ки идораҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ барои қатъиян аз рӯи нишондоди ин феҳрист амал намудан супориш гирифтаанд. Ва ба «пофишорӣ»-и баъзе волидайн тан намедиҳанд.

Мутаассифона, номҳои ғайримиллӣ, ки бо ҳавою ҳаваси падару модарон «ихтироъ» мегарданд ва инро ба ғайр аз саҳлангорӣ баҳои дигар наметавон дод, баъзан аз ҷониби масъулон мақбул дониста мешаванд. Ба мисоли Осия, Осима, Сумая, Самия, Румайсо, Судайс. Ба тахмини мо, ин номҳо аз филмҳои туркӣ, арабӣ рӯ задаанд. Одамони аз таърихи фарҳанги миллӣ ноогоҳу бегонапараст ба ин номҳо чун занбӯри бешира часпиданд. Аз номбурдаҳо Сумая бештар маъмул аст: шонздаҳ-ҳаждаҳсола ҳам Сумая, сесолаю панҷсола ҳам. Аз ин хулоса гирифтан мумкин аст, ки ҳанӯз ҳам идораҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба «Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ» эътибор намедиҳанду хостаи волидайнро ба ҷо меоранд. Чи хеле забоншинос Саъдӣ Маҳдӣ шарҳ медиҳад, Осия - кофир, саркаш ва Судайс - ангушти зиёдатии панҷа, ангушти шашум аст.

Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки «Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ» дар ҳамин асос мураттаб гардидааст, аввалан эҳтиром ба модар, ба забони давлатист, баръакси он беэҳтиромию беэътиноӣ ба ин муқаддасот аст.

Номҳое, ки зикрашон рафт, дар ягон луғати тоҷикӣ нестанд. Яқин аст, ки волидайн маънии ин номҳоро намедонанд. Охир, ном бояд маънӣ дошта бошад! Масалан, Хазима ҳеҷ маъние надорад. Ин шакли вайроншудаи калимаи дигар аст, ба тахмин, шояд хазина бошад. Майсараҳо ҳам кам нестанд ва ин аз надонистани маънии луғавӣ аст. Охир, майсара калимаи арабӣ буда, тарафи чапи лашкарро мегӯянд, муқобили маймана. Аз ин бадтар Роҳила аст, ки маънияш маркаб, ҳайвони савории боркаш.

Ниёгони бомаърифатамон дар номгузории пайвандонашон кам иттифоқ меафтид, ки хато кунанд, аввал бо фозилону ситорашиносон машварат карда, ба фарзандон вобаста ба ҳолат, муҳит, фасл ном мегузоштанд ва дуруст буд, ки аз рӯи ном мувофиқи ҳисоби абҷад синну сол муайян мешуд.

Рустаму Суҳробу Сиёвуш ном кардан нишонаи ифтихори ниёкон аз паҳлавонони «Шоҳнома»-и безавол аст. Ин номҳои аҷдодони мо - ориёиҳо мебошад, ки тавассути қалами шаҳдбори Фирдавсии Тӯсӣ дар ақсои олам паҳн шуд. Садҳо нафар намояндаҳои миллати ғайриориёӣ зиёд ба писаронашон Рустам ном гузоштаанд. Ҷои ифтихор аст, агар сафи Рустамҳову Суҳробҳову Сиёвушҳо, Ҷамшедҳову Фаршедҳову Ардашерҳо, Дорюшу Озару Озарахш, Озарнӯшу Беҳофариду Шаҳронгурозу Анӯш, Анӯшаю Нӯшин, Гударзу Гуштоспу Родмард, Меҳрнӯшу Таҳминаву Гуласалу Гурдофаридҳо зиёд бошанд. Ва ҳамин гуна номҳо, ки дар «Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ» низ омадаанд, дар «Шоҳнома» варақ-варақ буда, ҳар кадоме рамзи тавоноию размоваранд. Аз «Шоҳнома» ба номҳои миллӣ табдил додани номи родмардон аз нав зинда гардондани корномаҳои эшон аст.

Ҳаминро ҳам бояд сарфи назар накунем, ки ин шабу рӯз, ки ҳаҷравӣ ба як анъана табдил ёфтааст, волидайн донистаю надониста ба фарзандонашон номҳои арабӣ, хусусан номҳои пайғамбарону авлиёю амбиёҳоро мегузоранд, то «мартаба»-и ҳоҷигиашон боло равад.

Фаромӯш нашудааст: бо хоҳиши яке аз хешон ба навзоде Фарвардин ном гузоштам. Писар аввали моҳи апрел зода шуда буд, ки ба моҳи якуми шамсӣ мувофиқ аст. Ин ном дар шакли Фарвадин дар «Шоҳнома» ҳам ҳаст. Дар ситоиши моҳи фарвардин Фаррухӣ байти зебое дорад:

**То ба фарвардин замин**
**аз лола барпӯшад ридо,**
**То ба даймоҳ осмон**
**аз абр барбандад ниқоб.**

Бубинед, ки номи зебои Фарвардинро ҳамсари ҳамон хешамон бо маслиҳати кадом муллои «донишманд» бо «далел»-и «ин номи зардуштӣ, ба мусулмон гузоштан убол аст», ба Абдулло бадал кардааст. Маълум бод, ки Абдулло номи арабии пешазисломӣ буда, бандаи илоҳ (ишора ба бутҳо)-ро дорад.

Ном унвони шахс аст. Бояд он зебо ва арзанда бошад, асосаш, соҳибном донад, ки унвони ӯ чӣ маънӣ дорад. Кӯр-кӯрона, бефарқ, беаҳамият ном гузоштан ҷоҳилист!

**Ҷӯрабек МУЪМИН,**
**рӯзноманигор**

(Идома аз саҳ. 3)

Ба гуфти Акбар Турсон: «Дар мавқеъгирӣ дар муносибат бо оташ ташреҳи мармузи худошиносии мусулмонӣ боло гирифт: оташро бо дӯзах айният доданду шайтонро маҳсули «оташи пок» муаррифӣ намуданд. Ин ба тағйири нақши оташ дар ҷаҳоншиносии эрониён овард. Оташ аз поксозу дармонбахш ва хайру созанда ба олоти тарс ва муҷозот табдил шудан гирифт. Воқеан, ҳолати кайфар ба василаи оташ дар қисмати бостонии Авасто (Готҳо), ки аз охират нақл мекунад, мавҷуд аст. Вале ин ҷо аз ҳолатҳои гуногуни рӯҳонӣ: аз шабоҳат сухан меравад, на аз айният. Бо ин андешаро наметавон хотима бахшид. Дар Авесто дар қиёс бо Қуръон, нахуст мазҳари тарсу воҳима арвоҳи баду бадсигол аст, дувум функсияи харобкории оташ бо хосиятҳои ахлоқӣ-поксози оташ вобаста мебошад». Ба қавли донишмандони дигар, ки Б. Ғафуров ҷамъбаст намудааст: «Зардушт ба мардум ваъдаи расидани ҷаҳони наверо медод, ки дар он қувваҳои некӣ бар бадӣ пирӯз хоҳанд шуд. Пас аз озмоиш бо оташ онҳое, ки некиро интихоб намудаанд, ба олами адолат, ки Аҳурамаздо ба он асос гузоштааст, мерасанд».

Ва агар ба осори Абурайҳони Берунӣ муроҷиат намоем, боз як муқовимати усулии арабро бо мардумони ориёӣ мушоҳида мекунем. Дар ҳамин рав моҳрӯзии хуршедии ниёгон мамнуъ шуд. Ба қавли донишманд: «Моҳҳои арабӣ вобаста бар гирдгардии кураи Моҳ аст ва аз ҳаракати Қамар истихроҷ мешавад. Ва аввалҳои моҳҳои қамарӣ ба дидани ҳилол вобаста аст, на ба ҳисоб... Пас, дар натиҷа ба ақидаи тозиён шаб пеш аз рӯз шуд». Бо ин далел муътақиданд, ки «...мартабаи торикӣ бар нур муқаддам аст. Ва нур бар торикӣ ногаҳонӣ аст. Пас, беҳтар он аст, ки торикиро бар фурӯғ муқаддам дорем». Тиргон ёдовар мешуданд ва ба ивази тараннуми шуҳрати султонҳо соҳиби сила мегардиданд. Ҳамин омили муҳими сиёсӣ ва ақлонӣ буд, ки пас аз зарбаҳои муҳлики араб на як Наврӯзу Меҳгон, балки анъанаҳои дигар низ сабзиши дубора ёфтанд.

Чуноне, дар замони Истиқлол ҳамин рисолатро Эмомалӣ Раҳмон бар дӯш гирифт ва бо ташаббусҳои хеш оини ҷашнвораҳоро зинда кард, балки онҳоро ба муаррифгари чеҳраи тоҷикон дар арсаи ҷаҳонӣ мубаддал намуд. То замоне халқи тоҷик вуҷуд дорад, бо тағйири чандгунаи реҷаи сиёсӣ растахезу умри дубораи онҳо бо номи ин марди рӯшангару ватанпараст Эмомалӣ Раҳмон боқӣ хоҳад монд.

Агар режими сиёсӣ муҳим набудӣ, бо як гардиши таърихӣ ва ба сари қудрат омадани хонадони Қарахонӣ, Салҷуқӣ батадриҷ ҷашнвораҳо аз миён рафтанд. Пас аз генотсиди муғул унвони ҷашнвораҳо, хоса Сада, дар адабиёт ва ашъори шоирон аҳёнан вомехӯрад, зеро бодиягардон аз асрори донишҳои шаҳрдорон ноогоҳ, базму тараби худро доштанд. Як ғелхӯрии амали сиёсӣ ба нобудии қисмати аъзами мардуми бумӣ ва зумраи анъанаю суннатҳои миллат сабаб шуд.

Дигар аз ёд рафтани Сада ба омилҳои табиӣ низ вобаста буд. Агар Наврӯз ва Меҳргон ба эътидоли баҳорию тирамоҳӣ ва Тиргону чилла ба «офтобдархона» – ҳаводиси дақиқи табиию нуҷумӣ алоқаманд бошад, Сада аз ҳамин хосиятҳои возеҳ аз ҳаводис ё падидае бархӯрдор набуд.

Барои исботи мулоҳизоти пешин ба жарфнои воқеоти таърих фурӯ рафтан ҳоҷат нест. Таваҷҷуҳ ба даврони шӯравӣ кофист, ки такрори ҳаводиси воқеотро ташхис намоем. Муддати камтар аз 70 сол нишон дод, ки чӣ гуна метавонад як режим дар шикасти тафаккури миллӣ нақш бибозад. Дар он замон кампиракону мӯйсафедон аз роҳу равиши пешин пинҳону рӯшод дастгирӣ мекарданд. Дар Наврӯз бо унвони «Дарвешона», Меҳргон – «Иди ҳосил» фаъолона ширкат меварзиданд. Яъне, дар хуну пӯсташон тоҷик буданд.

Хушбахтона, ранҷу ситами пешин пушти сар шуд ва тоҷик дар давлатдории хеш соҳиби сарнавишти худ аст, аммо неруи дигаре арзи вуҷуд дорад, ки рахна дар андешаи миллӣ ворид месозад. Ин рӯҳониёни ба сурат тоҷик, вале ба андеша ва сират арабзадаанд. Онон ба ҳамаи осори тоисломӣ, хоса ба ҷашнҳои миллӣ, душманӣ меварзанд.

# ЧАРО МУҚОВИМАТ БО САДА САХТУ САНГИН ШУД?

Маълум мегардад, ки ду таълимоте, ки рӯ бар рӯи ҳам омаданд, аз бунёд ихтилофи ҷиддӣ доштанд.

Дар ин раванд араб идҳои тоза: Қурбону Рамазон ва чанди дигарро дар кулвор бо худ овард. Мардуми тоҷик бо фаросат дар идҳои мусулмонӣ намунаҳои пешинро ворид карданд. Мисли аломатҳои гулгардониро ба ду ид дар сурати идгардаки кӯдакон. Назокати фарҳанги бузург низ дар ҳамин зоҳир мешавад. Гулгардонӣ аз муқаддас шуморидани сабзиши табиат ва оғози соли дигар аст, ки ба гоҳномаи қамарӣ мувофиқат намекард. Дигар, ин ки фарзонаҳои замона рӯшангар ва фурӯзона дар сабзиши дастовардҳои куҳани миллӣ буданд. Ҳарчанд дар ғаромати Маҳмуду Масъуди Ғазнавӣ менависанд, дар тафаккури онон фарҳанги ориёӣ гулхати сареҳе дошт. Дар доварии эшон Унсурӣ, Манучеҳрӣ, Фаррухӣ, Анварӣ ҳар лаҳзаи мувофиқ аз Наврӯзу Садаву Меҳргону

**Ҷонибек АСРОРИЁН,**
**фарҳангшинос**

# СОБИҚАДОРОН АЗ ҒАМХОРӢ БАРХӮРДОРАНД

**Созмони собиқадорони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон як ҷузъи муҳими Вазорати корҳои дохилӣ ба шумор рафта, ҳар як собиқадори ин ниҳод насли ояндаи милитсияро ба хониши аъло, ҷасурӣ, содиқ будан ба халқу Ватан ва савганди хизматӣ ҳидоят намуда, баҳри мустаҳкам намудани тартиботу интизом ва риояи қонуният байни ҳайати шахсӣ ва баланд бардоштани маҳорати касбии мутахассисони ҷавон талош меварзанд.**

Теъдоди собиқадорон сол то сол меафзояд. Агар шумораи умумии онҳо дар соли 2012 беш аз 12500 нафарро ташкил дода бошад, ин рақам дар соли 2023 ба 14566 нафар расид.

Собиқадорони мақомоти корҳои дохилӣ, ки ҳангоми адои вазифа барои Ватан хизмати бузург кардаанд, имрӯз низ дар таъмини суботи ҷомеа, волоияти қонун ва пешгирӣ намудани ҷиноят бетараф нестанд.

Айни ҳол дар созмон 14566 нафар нафақахӯр ба қайд гирифта шуда, 2731 нафарашон собиқадороне мебошанд, ки 25 сол ва зиёда аз он хизмат намудаанд; 8090 нафар нафақахӯроне, ки аз 25 сол кам хизмат намудаанд; 309 нафарашон иштирокчиёни амалиёт дар Афғонистон; 1 нафар иштирокчии амалиёт дар Венгрия; 20 нафар иштирокчиёни рафъи оқибатҳои фалокати Нерӯгоҳи атомии «Чернобил», 2379 нафар ҳамсарони кормандони ҳангоми ҳимояи сохти конститутсионӣ ва дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ вафотнамуда, 1036 нафарашон маъюбони ВКД мебошанд.

Айни замон дар мақомоти корҳои дохилӣ 88 ташкилоти ҷамъиятии Созмони собиқадорони мақомоти корҳои дохилӣ дар раёсату шуъбаҳои ВКД фаъолият мекунанд. Созмон бо ВКД ҳамкории зич дошта, дар асоси нақша-чорабиниҳои муштарак дар миёни ҳайати шахсии мақомот, хусусан кормандони ҷавон, суҳбату мулоқот доир намуда, дар тарбияи ватандӯстӣ, масъулиятшиносӣ дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ, риояи одобу муошират бо сокинон, хусусан дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, риояи одобу пӯшидани либоси хизматӣ, дар пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноятҳо ҳиссаи арзанда мегузоранд.

Аъзои созмон дар раёсатҳо ва шуъбаҳои мақомоти корҳои дохилӣ ба муносибати Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи Модар, Ҷашни байналмилалии Наврӯз, Рӯзи Ғалаба, Рӯзи Ваҳдати миллӣ, Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи Конститутсия ва Иди касбии милитсияи тоҷик чорабиниҳо доир менамоянд.

Инчунин, аз ҳисоби аъзои шурои Созмони собиқадорон ҳар моҳ дар маркази таълимии ВКД дар самти хизмати раёсатҳои кофтукоби ҷиноӣ, раёсати муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ, мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккилона, фаврии ҷустуҷӯӣ ва дигар самтҳои хизматӣ бо мақсади таълим ва баланд бардоштани дониш суҳбату мулоқот баргузор мешаванд. Соли сипаришуда мулоқоти аъзои созмон бо нафақахӯрон, собиқ ҳайати шахсии ШВКД дар ноҳияҳои Варзоб, Восеъ, Рашт ва Нуробод баргузор гардид.

Масъалаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон ва иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва дигар гурӯҳҳои собиқадорон ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад.

Соли сипаришуда аз тарафи Вазорати корҳои дохилӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва соҳибкорони ватанӣ ба собиқадорон, иштирокчиёни ҶБВ, оилаҳои бесаробонмонда ва маъюбони ВКД ёрии молӣ, моддӣ ва туҳфаҳои хотирмон расонда шуд.

Вазъи тандурустии собиқадорон ва нафақахӯрони мақомоти корҳои дохилӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳ қарор дошта, онҳо барои табобат ба дармонгоҳи раёсати ВКД аз тамоми минтақаҳои кишвар муроҷиат мекунанд ва эҳтиёҷмандон баъди муоина ва ташхис ба табобат фаро гирифта мешаванд. Соли 2023 ба дармонгоҳи раёсати тиббии вазорат 2035 нафар собиқадорон муроҷиат карда, 436 нафарашон саломатии худро барқарор намуданд.

Собиқадорон ва нафақахӯрон барои истироҳат ва табобат гирифтан ба осоишгоҳҳои «Хоҷаобигарм», «Зумрат», «Шифо», «Шоҳамбарӣ», «Садбарг» равона карда мешаванд.

Инчунин, собиқадороне, ки ба истироҳатгоҳҳои ВКД барои табобат ва истироҳат муроҷиат менамоянд, ба онҳо роҳхат дода мешавад.

Роҳбарияти ВКД ва Созмони собиқадорон ҳамеша собиқадоронро мувофиқи имкониятҳои мавҷуда қадрдонӣ мекунанд.

**Саид ҶӮРАХОНЗОДА,**
**раиси Созмони собиқадорони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**генерал-майори милитсия**

# Розҳои Ҳошим Ғадо



Душманро ҳеҷ гоҳ аз худ дур макун, бигузор, ҳамеша дар наздат бошад.

***

Омадӣ, бидон ҳатман меравӣ.

***

Бо айёрон айёр будан лозим.

***

Муҳаббат абадӣ намешавад. Муҳаббат фасл надорад. Фақат паҳлӯҳои гуногун дорад. Ҳар фасл дар он ба фасли нав мутобиқ шуда, ба мавҷи дигару авҷи дигар табдил меёбад. Ба ҳар фарди тавлидшуда Худованд муҳаббат ато менамояд, вале на ҳар кас ба муҳаббати ҳақиқӣ мерасад.

***

Дарахти хушк бо об додан сабз намешавад.

***

Ба одами мурда насиҳат беҳуда аст.

***

Мурдаро илму маърифат омӯхтан нашояд.

***

Борҳо пешпо хӯрдаму савганд ёд кардам, ки минбаъд набояд пешпо хӯрам, вале ҳар лаҳза пешпо мехӯрам.

***

Чӣ қадаре доно бошӣ, душманонат ҳамон андоза зиёд мешаванд.

***

Ҷавонӣ як бор дода мешавад. Пас, ҳар рӯзи онро сарфакорона истифода бар. Онро чун файласуфи хаёлӣ нею чун ҳакими ҳақиқӣ гузарон.

***

Яке аз муаммоҳои дунё дар асрори омадурафти мо ниҳон аст.

***

Бо вуҷуди ҳамаи ғаму андӯҳи зиндагӣ ба он шукр бояд гуфт. Ин бори гароне, ки сари китфони мост, бояд то охир мардона кашем. Ҳар чӣ бодо бод!

***

Булбуле аз сурудхонӣ бозмонд.

- Чаро булбули ҳамсоя чаҳ-чаҳ намезанад?

Булбули дигаре ҷавоб гуфт:

- Ӯро бол шикастанд. Болшикаста илҳоми хониш надорад.

***

Оё сари чинор медонад, ки решаи он дар кадом ҳолат аст?

***

Мардум мегӯянд, ки замона дигар шудааст, ҳол он ки замона не, мардум худ дигар шудаанд.

***

Барои ба орзуи худ расидан бояд талош варзид.

***

Он чӣ буд ё набуд, дигар ёдаш макун, зеро аз он танҳо из мондааст. Оне, ки гузашт, ёдаш макун, аз он ки афсӯс меҳрӣ, барнамегардад. Кай дидаӣ, ки мурдаи ҳазорсола зинда шудааст?

***Аз китоби «Розҳо», ҷилди якуми осори Ҳошим ҒАДО***

БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронда мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 419712 | Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи НБО-и «Роғун» | Сохтмони мактаб барои 1176 хонанда дар маҳаллаи навбунёди Ҷамоати деҳоти «Бӯстон»-и ноҳияи Файзобод (гузаранда) | Харид аз як манбаъ | Кор | 1 | 02.02.2024 09:00:00 |
| 2 | 419710 | Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи НБО-и «Роғун» | Сохтмони хатҳои дохилӣ ва берунаи интиқоли барқ дар маҳаллаи 7-и шаҳрак и Дарбанди ноҳияи Нуробод (гузаранда) | Харид аз як манбаъ | Кор | 1 | 02.02.2024 10:00:00 |
| 3 | 419755 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 15 | 21.02.2024 15:30:00 |
| 4 | 419734 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдорӣ ва истифодабарии иншоот»-и назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Бензин | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 21.02.2024 15:55:00 |
| 5 | 419760 | Муассисаи томактабии «Кӯдакистони №6»-и шаҳри Хоруғ | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 31 | 21.02.2024 16:20:00 |
| 6 | 419761 | Муассисаи давлатии «Литсейи касбии махсуси маъюбон» дар шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ, либоси мактабӣ, маводи нарм, молҳои рӯзгор, ва воситаҳои гигиенӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 71 | 21.02.2024 16:48:00 |
| 7 | 419762 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдорӣ ва истифодабарии иншоот»-и назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Кабел, молҳои барқӣ, рӯзгор, гулҳо, нуриҳои минералӣ ва органикӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 106 | 21.02.2024 17:00:00 |
| 8 | 419763 | Муассисаи давлатии» Маркази тиббии шаҳрии №3» | Хариди таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 22.02.2024 10:00:00 |
| 9 | 419767 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 22.02.2024 11:50:00 |
| 10 | 419771 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 10 | 22.02.2024 13:00:00 |
| 11 | 419770 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 10 | 22.02.2024 13:10:00 |
| 12 | 419772 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 22.02.2024 13:15:00 |
| 13 | 419773 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 10 | 22.02.2024 13:30:00 |
| 14 | 419774 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 22.02.2024 13:40:00 |
| 15 | 419775 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 10 | 22.02.2024 14:00:00 |
| 16 | 419759 | Муассисаи давлатии «Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» | Корҳои лоиҳакашии иншооти чароғонкунии дохили бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 22.02.2024 15:07:20 |
| 17 | 419764 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббӣ»-и шаҳри Кӯлоб | Молҳои нарм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 23.02.2024 09:31:49 |
| 18 | 419766 | Маркази вилоятии даҳонпизишкии дар шаҳри Кӯлоббудаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | Техникаи маишӣ ва идоравӣ, мебел, инвентари мулоим ва жалюз | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 23.02.2024 10:23:47 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ЧТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

## ЭЪЛОН!

Иҷрочиёни Хадамоти иҷро дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 26 феврали соли 2024 саҳми багаравгузошташуда дар манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҷ. Расулов, бинои 47/5, хонаи 1-ро иборат аз ду ҳуҷра бо масоҳати 91м² бо арзиши 40950 доллари ИМА, мутаносибан бо асъори миллӣ, ба музоядаи оммавӣ мегузоранд.

Хоҳишмандон барои гирифтани маълумоти иловагӣ метавонанд бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский 32, утоқи кории 32 муроҷиат намоянд.

Телефон: 235-21-66.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0034383, ки онро Кумитаи заминсозии шаҳри Ҳисор соли 2007 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Навобод ба Хоҷагии деҳқонии «Кишоварз-2007» додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ 15-уми сентябри соли 2017 ба Ибрагимов Валиҷон Амонулоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи бақайдгирии давлатӣ таҳти №83570, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 16 феврали соли 2023 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи М. Нарзибеков, хонаи 90/3, қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва бинои асосӣ ба Азимова Махфиратҷон Мардоновна (РМА 045675792) додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонӣ ва билети донишҷӯии гумшуда, ки онҳоро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2022 ба Ҳомидов Муҳаммадиқбол Олимҷонович (РМА 057025517) додааст, эътибор надоранд.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Ҳазора, хонаи 21 ба Набиев Маъмурхон Махсутжонович (РМА 037161425) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатӣ таҳти №5620, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Норак 31-уми январи соли 2024 бо суроғаи шаҳри Норак, Ҷамоати деҳоти Пули сангин, маҳаллаи Тутқавул, кӯчаи С. Айнӣ ба Расулова Савригул Алибековна (РМА 415298573) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Армуғон ба Шарипов Саидисмон Ҳотамович (РМА 235107235) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т- ШТА №168387, ки онро МТМУ № 5-и шаҳри Норак соли 1993 ба Ҳайдарова Майрам Саидовна додааст, ( РМА 415362759) эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0501502, ки онро Кумитаи идораи замини ноҳияи Ёвон 15-уми июни соли 2015 бо суроғаи ноҳияи Ёвон, Ҷамоати деҳоти Даҳана, деҳаи Ҷавонӣ ба Каримова Баргигул додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи БП №979540, ки онро МТМУ №61-и шаҳри Душанбе 27-уми июни соли 1983 ба Ёрова Фатима Шарифовна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ЭВ №835102 таҳти қайди 13364, ки онро Университети давлатии педагогии шаҳри Душанбе ба номи Қ. Ҷӯраев соли 1997 ба Ёрова Фотима Шарифовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сино ба Идрис Хайрмухаммад (РМА 025233505, РЯМ 0230017325) додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи КВ № 598220, ки онро Институти педагогии давлатии Душанбе (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) соли 1986 таҳти қайди 2983 ба Расулова Дилором Рустамовна (РМА 046559090) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти №1-6052, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино 25-уми августи соли 2023 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Навоӣ, бинои 21/8, хонаи 75 ба Саидова Зарина Аҳмадҷоновна (РМА 045656244) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи №183717, ки онро МТМУ №156-и ноҳияи Ленин (ҳоло МТМУ №28-и ноҳияи Варзоб) соли 1989 ба Шеров Нуралӣ Холмуродович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи хатми синфи 9, таҳти №019454, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №84-и шаҳри Ҳисор соли 1997 ба Солиев Илҳомҷон Султонович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Ҷигари ман» (РМА 020057512, РЯМ 0210031718), ки 21-уми феврали соли 2023 дар нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба сабти давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун
Садои мардум
Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.
ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фарҳунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; хабарнигорон дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69; вилояти Хатлон 919- 67- 88- 78, 985- 82- 81- 97; вилояти Суғд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, 93- 535- 06- 66; ШНТҶ - 000- 03- 03- 80, 918- 68- 40- 17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пасгардонида намешавад.

*Ба чопаш 5 феврали соли 2024, соати 16:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35020 нусха*

Навбатдори шумора Ӯ. Назар

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97